# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Олимзода Муҳаммадёр Абдулҳай дар мавзуи: «Асосҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ. ш. Душанбе, 2025 сол**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Олимзода Муҳаммадёр Абдулҳай дар мавзуи: «Асосҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Дар шароити имрӯзаи рушди давлатдории миллӣ ташкил ва баргузор намудани интихоботи президент шакли асосии таҷассуми соҳибихтиёрӣ, таъмини истиқлоли комили сиёсӣ, воситаи муҳимми рушди идоракунии давлатӣ ба ҳисоб меравад. Иштироки фаъолонаи шаҳрвандон дар интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳимми онҳоро дар ташкили ҳокимияти давлатӣ ифода намуда, барои амалигардонии фаъолияти ҳокимияти давлатӣ мусоидат менамояд. Мутобиқи моддаи 64 Конститутсия Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сарвари давлат ва раиси ҳокимияти иҷроия (Ҳукумат) аст. Президент ҳомии Конститутсия ва қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, кафили истиқлолияти миллӣ, ягонагӣ ва тамомияти арзӣ, пойдориву бардавомии давлат, мураттабии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳамкории онҳо, риояи шатрномаҳои байналмилалии Тоҷикистон мебошад. Таҳқиқи тартиби ташкил ва гузаронидани интихоботи президентӣ дар ҶТ талаби замони муосир буда, бо хусусиятҳои ташкили ҳокимияти давлатӣ алоқаманд аст. Арзишҳои демократӣ ҳамчун афзалиятҳои рушд ва шаклҳои амалӣ намудани манфиатҳои давлатро муайян мекунад. Низом ва ҳуқуқи интихоботии ташкили интихоботи Президенти ҶТ унсурҳои зарурии амалӣ намудани ҳокимияти халқ – принсипи аслии давлатдории миллӣ мебошанд. Тартиби ташкил ва баргузории интихоботи Президенти ҶТ ҳамчун маъракаи муҳим дар ҳаёти сиёсии ҷомеа ба ҳисоб рафта, ҳамеша ниёз ба омӯзиш ва таҳқиқи

илмии асоснок дорад. Марҳила ба марҳила ташаккул ва рушд намудани ҳаёти инсонӣ аз замони пайдоиш то ба имрӯз зарурати объективӣ ва қонуни асосии инкишофи табиат ва ҷомеа мебошад, дар ин замина, ташкил ва гузаронидани интихоботи Президенти ҶТ низ ҳамчун раванди муҳимми ҳаёти сиёсии ҷомеа ҳамеша дар ҷараёни рушду инкишоф ва тағйирёбӣ қарор дорад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Пажуҳиши ҳамаҷонибаи масъалаи баррасишавандаи таҳқиқоти диссертатсионӣ нишон дод, ки он аввалин таҳқиқот дар илми ҳуқуқи конститутсионии ватанӣ оид ба асосҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии интихоботи Президенти ҶТ бо назардошти анъанаҳои таърихӣ ва тағйирёбии унсурҳои моддиву маънавии он дар ҷомеа буда, навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсиониро ифода менамояд.

Дар асоси таҳлил, омӯзиш ва хулосабарории муаллифӣ масъалаҳои гуногуни баррасишавандаи таҳқиқот, аз ҷумла, мафҳум ва моҳияти ҳуқуқи интихобот ва низоми интихобот, мафҳум ва намудҳои давраҳои мурофиаи интихоботи Президенти ҶТ, танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии интихоботи Президенти ҶТ, ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳуқуқҳои фаъол ва ғайрифаъол дар ҷараёни баргузории интихоботи Президенти ҶТ, асосҳои ҳуқуқии танзими вазъи ҳуқуқии номзадон ба мансаби Президенти ҶТ, хусусиятҳои хоси раванди ташкил ва гузаронидани интихоботи Президенти ҶТ, таҳлили муқоисавии ташкил ва гузаронидани интихоботи Президент дар ҶТ ва кишварҳои хориҷӣ (ё давлатҳои пасошуравӣ) мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Ҳамчунин, вобаста ба такмили қонунгузории танзимкунандаи муносибатҳои соҳаи мазкур тавсияҳо пешниҳод шуда, самтҳои афзалиятноки асосҳои ҳуқуқии-конститутсионии интихоботи Президенти ҶТ ва иштироки шаҳрвандон бо роҳи мустақим, баробар ва бо овоздиҳии пинҳонӣ ва ба сифати омили таъсиргузор ба ташкили асосҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ муайян гардиданд, ки натиҷаҳои илмии бадастомадаи таҳқиқотро инъикос менамоянд.

Дар раванди таҳқиқот масъалаҳои зерин ба таври муфассал баррасӣ гардидаанд:

– бо назардошти такмил ва рушди низоми интихобот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, диссертант таҳқиқи ҳамаҷониба ва таъмини ҳуқуқҳои шаҳрвандон дар раванди интихоботро зарурӣ ҳисобида, таҳия ва қабули Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи тартиби гузаронидани интихоботи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ дар ҶТ» зарур меҳисобад. Ин пешниҳоди ӯ бар он асос аст, ки дар

Конститутсияи Тоҷикистон омадааст, ки масоили марбут ба баргузории интихоботи мақомоти ҳокимияти давлатӣ тавассути қонуни конститутсионӣ танзим мешавад;

– бо дар назардошти зарурати такмили қонунгузорӣ оид ба интихоботи Президенти ҶТ, муаллиф пешниҳод менамояд, ки ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» тағйироту иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

– дар моддаи 28: «Номзад ба мансаби Президенти ҶТ ҳуқуқ дорад то 15 нафар шахсони боэътимод дошта бошад», меъёри мазкур ба «то 20 нафар шахсони боэътимод» иваз карда шавад. Меъёри пешниҳодшударо бо он асоснок менамоем, ки дар ҶТ тайи солҳои охир рушди бемайлони соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоиёт ва фарҳангӣ ба назар мерасад ва он бо зиёд шудани шумораи аҳолӣ бе таъсир буда наметавонад, аз ин лиҳоз, зарурати то 20 нафар зиёд намудани шахсони боэътимоди номзад ба Президенти ҶТ ба миён омадааст;

– дар банди 3 моддаи 36: «Шахсе, ки номзадиаш ба мансаби президенти ҶТ, дар давраи гузаронидани интихоботи асосӣ пешбарӣ гардида, ба қайд гирифта шуда буд, наметавонад дар раванди интихоботи такрорӣ ба сифати номзад пешбарӣ карда шавад»;

– дар моддаи 37 ибораи масъулият ба ибораи ҷавобгарӣ иваз карда шавад, яъне (Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи Президенти ҶТ»).

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи пажӯҳишҳои назарӣ ва амалии марбут ба паҳлуҳои гуногуни ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, таҳлили натиҷа ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, ақидаҳо ва тавсияҳои назарию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳлили муқоисавӣ ҳуқуқии қонунгузории миллӣ бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ва давлатҳои алоҳида дар самти ҳуқуқҳои марбута, таҳқиқи ҳолати кунунӣ, дурнамо ва роҳҳои такмили ҳимояи ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ асос меёбад.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Сохтори рисолаи илмии Олимзода Муҳаммадёр Абдулҳай дар мавзуи: «Асосҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ аз феҳристи ихтисорот, муқаддима, се боб,

ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳо ва феҳристи адабиёти истифодашуда ва маъхазҳо таркиб ёфтааст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 211 саҳифаро дар бар мегирад.

Дар муқаддима асоснокии интихоби мавзуъ шарҳ дода шуда, асосҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мегарданд. Маҳз ҳамин масъалаҳо зарурат ва аҳаммияти мавзуи мазкурро таъкид менамоянд. Ҳамчунин, дар муқаддима мақсаду вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда муайян шудаанд.

**Дар боби якум** масъалаҳои мафҳум ва моҳияти ҳуқуқи интихобот ва низоми интихобот ва мафҳум ва намудҳои давраҳои мурофиаи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби диссертант мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор дода шудаанд. Аз ҷумла муаллиф дар боби мазкур қайд менамояд, ки яке аз..

Муаллиф дар доираи боби мазкур баён медорад, ки њукуқ ба интихобот маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқие мебошад, ки тартиби ташкил ва ҷамъбасти интихоботи мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ ва Президентро танзим мекунад ва усулҳои низоми интихоботро муқаррар менамояд. Ин меъёрҳо ва усулҳо хосият ва моҳияти ҷумҳуриро ифода мекунанд ва нишон медиҳанд, ки дар кадом дараҷа демократия дар кишвар татбиқ мешавад. Интихобот ҳамчун ифодаи олии ҳокимияти халқ, воситаи амалишавии соҳибихтиёрии халқ, василаи қонунӣ гардондани ҳокимият, роҳи осоишта ва мусолиҳатомези ба даст овардани ҳокимият, ташаккули мақомоти олии давлатӣ, пайравӣ ва нишон аз арзишҳои умумибашарӣ ва демократӣ доштани давлат маънидод мешавад.

Дар ин боб инчунин масъалаҳои раванди интихоботӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Диссертант қайд намудааст, ки раванди интихоботӣ механизми марказии идоракунии демократиро таҷассум мекунад, ки ташаккули қонунии ниҳодҳои олии давлатиро таъмин намуда, иродаи шаҳрвандонро инъикос менамояд. Ин раванд на танҳо принсипҳои асосии ҳокимияти халқиро мустаҳкам мекунад, балки ба фаъолияти низоми идоракунии давлатӣ, ислоҳоти сохторӣ ва мавқеъгирии байналмилалии давлат таъсири бевосита мерасонад. Тартиби гузаронидани интихоботи президентӣ бо меъёрҳои конститутсионӣ ва санадҳои қонунгузорӣ, ки принсипҳои демократия, рақобатпазирӣ ва шаффофияти раванди интихоботро муайян мекунанд, танзим карда мешаванд. Дар низоми интихоботӣ ба кафолатҳои ҳуқуқии иштироки шаҳрвандон дар овоздиҳӣ, таъмини гуногунандешии сиёсӣ ва риояи принсипи баробарии номзадҳо диққати махсус дода мешавад. Аммо, чун дар дигар давлатҳо, самаранокии

механизми интихобот бештар аз сатҳи маърифат (шуур)-и ҳуқуқии ҷомеа, фаъолияти ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дараҷаи мустақилияти комиссияҳои интихоботӣ вобаста аст. Дар ин замина, омӯзиши раванди интихобот ба муҳаққиқ имкон медиҳад, ки тамоюлҳои рушди демократиро таҳлил намояд, мушкилоти асосии марбут ба фарҳанги интихоботӣ ва муҳити институтсионалиро муайян карда, дурнамои навсозии низоми идоракунии давлатиро баҳо диҳад.

**Дар боби дуюми** ин таҳқиқот диссертант танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳуқуқҳои фаъол ва ғайрифаъол дар ҷараёни баргузории интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазъи ҳуқуқии номзадон ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор додааст.

Муаллиф дар доираи ин боб интихоботро яке аз шаклҳои муҳимтарини қонунигардонии ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла, ҳокимияти президентӣ меҳисобад. Ба андешаи муҳаққиқ дар давлат бояд санадҳои ҳуқуқие таҳия ва қабул карда шаванд, ки дар онҳо тартиби ташкили мақомоти ҳокимияти давлатӣ, вазифаҳо, уҳдадориҳо, салоҳият ва ваколатҳои онҳо муқаррар карда мешаванд. Танзими конститутсионӣ-ҳуқуқии тартиби ташкил ва гузаронидани интихоботи Президенти ҶТ дар доираи васеи санадҳои ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад. Мавқеъҳои дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ мавҷудбударо таҳлил намуда, диссертант ба хулосае меояд, ки танзими ҳуқуқии интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро метавон ба 4 гурӯҳ тақсим кард:

- Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Санадҳои ҳуқуқӣ-байналмилалӣ;
- Қонунҳо (конститутсионӣ ва ҷорӣ);
- Санадҳои зерқонунӣ.

Дар боби дуюм, инчунин низоми меъёрҳои ҳуқуқӣ оид ба интихоби Президенти ҶТ, ки ҳуқуқи интихоботии фаъол ва ғайрифаъолро дар ҶТ ба танзим медароранд, ба таъмини тавозун миёни принсипҳои иштироки демократӣ ва талаботи салоҳияти сиёсӣ, қонуният ва амнияти давлатӣ равона шудааст. Маҳдудиятҳои муқарраршуда ба ташаккули намояндагии ҳокимияти салоҳиятдор, ахлоқӣ устувор ва ба манфиатҳои давлат ҷавобгӯй нигаронида шудааст. Муаллиф меъёрҳои интихоботиро таснифбандӣ намуда, дар бораи ҳар кадом аз онҳо ба таври муфассал андешаҳо баён намудааст.

**Дар боби сеюм** хусусиятҳои хоси баргузории ҷараёни интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳлили муқоисавии ташкил ва

баргузории интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мамлакатҳои хориҷӣ (ё давлатҳои пасошуравӣ) мавриди баррасии илмӣ қарор гирифтааст.

Дар боби мазкур муаллиф қайд менамояд, ки дар доираи низоми интихоботии кишвар, аз ҷумла, интихоботи Президенти ҶТ равиши протсессуалӣ мақоми ҳукмронро ишғол мекунад. Ин равиш раванди интихоботиро ҳамчун як силсилаи пайдарпайи расмиёти ҳуқуқӣ баррасӣ менамояд, ки ба ташкил ва баргузории интихобот равона шудааст. Дар натиҷа, бисёре аз муҳаққиқон қоидаҳои назарияи умумии расмиётро ба ҳуқуқи интихоботӣ татбиқ намуда, ба ташаккули консепсияҳои гуногуни марҳилаҳои раванди интихоботӣ мусоидат карданд, ки вобаста ба шумораи марҳилаҳо ва муҳтавои онҳо аз ҳам фарқ мекунанд.

Муаллиф дар боби мазкур иброз медорад, ки раванди интихоботӣ дар ҶТ на танҳо маҷмуи амалияҳои ҳуқуқӣ, балки инъикоси сатҳи демократикунонии ҷомеа, рушду камолоти низоми сиёсӣ ва самаранокии ҳамкории давлат бо ҷомеаи шаҳрвандӣ низ мебошад. Такмил ва пешрафти он бояд ба сифати афзалияти сиёсати давлатӣ боқӣ монад, то ки пояҳои ҳуқуқии мардумсолорӣ таҳким ёбанд, эътимод ба ниҳодҳои ҳокимият афзоиш ёбад ва рушди устувори демократии кишвар таъмин гардад.

Муаллиф ба таври асоснок баён медорад, ки таҳлили муқоисавии тартиби таъини интихоботи президентӣ дар кишварҳои пасошуравӣ нишон медиҳад, ки модели интихоботии Тоҷикистон ба шакли интихоботи парлумонӣ наздик буда, бо хусусияти хоси таъсиси ҳарду палатаи парлумон фарқ мекунад. Ин раванд тавозуни байни шохаҳои ҳокимиятро таъмин намуда, ба суботи институтсионалӣ ва рушду такмили ин ниҳоди давлатӣ мусоидат менамояд

Хулоса аз 11 банди аҳамияти назариявӣ дошта ва 2 банди ба такмили қонунгузорӣ равонашуда иборат мебошад.

Дар хулоса таҳқиқоти мазкур бо дарназардошти таҳлили ҳамаҷониба ва муқоисавии асосҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии интихоботи Президенти ҶТ пешниҳод шудааст. Дар хулоса пешниҳодҳои мушаххас ҷиҳати беҳтар намудани моддаҳои 28, 36,37 -и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешниҳод гардиданд. Хулосаҳои таҳқиқот заминаи назариявию амалиро барои мақомоти ҳокимияти давлатӣ оварда ва ба беҳтар шудани маъракаҳои минбаъдаи интихоботи Президенти ҶТ мусоидат намуда метавонанд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии** таҳқиқот. Аҳаммияти назариявӣ ва амалии пажуҳиши пешниҳодшуда дар он аст, ки маводи ин рисола доираи фаҳмиши илмии интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро мукаммал

гардонида, барои таҳқиқоти минбаъда дар ин самт ҳамчун сарчашма хизмат карда метавонад. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур имконият медиҳад, ки роҳҳои асосии самаранокии интихоботи Президенти ҶТ дар роҳи бунёди давлати иҷтимоӣ муайян карда шавад.

Нуқтаҳо ва пешниҳодоте, ки дар диссертатсия пешбинӣ шудаанд, метавонанд дар таҳияи барномаҳои таълимӣ, стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ, дар раванди таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ, баланд бардоштани сифати таҳсилоти ҳуқуқӣ, маърифати ҳуқуқӣ, психологияи ҳуқуқӣ дар шароити гузариш ба низоми бисёрзинагии омода намудани мутахассисони ҳуқуқшинос истифода шаванд.

Нуқтаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳамчун воситаи баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқӣ, маърифати ҳуқуқӣ, эътирофи арзишҳои инсонӣ, инчунин, таҳкими фаъолнокии ҳуқуқии шаҳрвандон хизмат намуда, дар татбиқи барномаҳои давлатӣ, раванди рушд ва амалигардонии ҳуқуқҳои сиёсии шаҳрвандон истифода шаванд. Ҳамзамон, дар таълими фанҳои «Асосҳои ҳуқуқии интихобот», «Ҳуқуқи конститутсионӣ» ва ғайра, ҳангоми навиштани корҳои курсӣ, рисолаҳои хатм, рисолаҳои магистрӣ ва рефератҳо истифода бурда шаванд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Нуқтаҳо ва натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд. Нуқтаҳои алоҳидаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳангоми гузаронидани машғулиятҳои лексионӣ ва амалӣ оид ба фанҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии ҶТ, ҳуқуқи интихоботии ҶТ, курси махсуси низоми намояндагӣ ва ҳуқуқи парлумонии ҶТ истифода бурда мешаванд.

Шумораи маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Олимзода Маҳмадёр Абдулҳай ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва

маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистн аз 30-июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, имлои грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Муаллиф дар нуктаи чоруми ба ҳимоя пешниҳодшаванда таҳия ва қабули Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи тартиби гузаронидани интихоботи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ дар ҶТ» пешниҳод намудааст. Бояд қайд намуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон се қонуни конститутсионӣ (қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи Президенти ҶТ», қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ») ва як қонуни ҷорӣ (қонуни ҶТ «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» масъалаҳои вобаста ба интихоботи мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии давлатиро танзим менамоянд. Ба воситаи қонуни конститутсионии пешниҳодшуда кадом масъалаҳо ҳуқуқӣ-конститутсионӣ бояд танзим карда шаванд? (саҳ.17)

2. Дар саҳифаи 81 диссертатсия муаллиф бо ҷамъбасти мавқеъҳои олимони ватанӣ оид ба ягонакунии қонунгузории интихоботӣ таҳия ва қабули кодекси интихоботиро дуруст ва саривақтӣ меҳисобад. Ҳатто муаллиф ба Кодекси намунавии интихоботии кишварҳои ИДМ, ки онро санаи 27 ноябри соли 2020 Ассамблеяи байнипарлумонии кишварҳои узви ИДМ қабул кардааст, ишора менамояд. Аммо, дар таҷрибаи кишвари мо қабули кодекси интихоботӣ ва татбиқи меъёрҳои он оё барои танзими интихоботи ҳамаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллӣ, худидоракунӣ ва шахсони мансабдори интихобӣ мусоидат карда метавонад? (саҳ.81)

3. Дар зербоби дуюми боби дуввуми рисола муаллиф вобаста ба масъалаи танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳуқуқҳои фаъол ва ғайрифаъол дар ҷараёни баргузории интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ намуда, иштирок дар маъракаи интихоботро тибқи

Конститутсия ва қонунгузории интихобот ҳуқуқи озодонаи ҳар як шаҳрванд маънидод кардааст. Вобаста ба иштироки фаъолона накардани шаҳрвандон дар маъракаи интихобот (абсентеизм) диссертант чӣ андешаҳо дорад? (саҳ.90)

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назариявию амалии диссертатсияи макурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Олимзода Муҳаммадёр Абдулҳай дар мавзуи: «Асосҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ пешниҳод шудааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
мушовир-ҳуқуқшиноси
шуъбаи ҳуқуқи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Имомов Ҳ.Ш.

Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, ноҳияи, Сино, кӯчаи Юсуф-Вафо,
хонаи 83, хуҷраи 30 Тел: (+992) 98-903-84-80 E-mail: fardod-2012@mail.ru

Имзои Имомов Ҳ.Ш.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.

Суроға: 734025, ш. Душанбе,
хиёбони Рудакӣ, 17. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: 2217711, факс: 2271510
Почтаи электронӣ: info@tnu.tj, сомонаи интернетӣ:www.tnu.tj

«30» 08 2025 сол